Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-016
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Сухроб Каримхон дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пешниҳод гардидааст.

Масъалаи истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар кишвар ва бо ин восита мусоидат намудан ба афзоиши маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, барои иқтисодиёти кишвар яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб рафта, мукаммалгардонии механизми таъминоти иттилоотиву таҳлилии дараҷаи истифодаи самараноки заминҳои кишоварзиро дар ҳудуди иқтисодии муайян талаб мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли истифодаи хусусии замин дар доираи моликияти инҳисории давлат ба замин, пас аз соҳибистиқлол гардидани кишвар сурат гирифта, бахусус, истифодаи самараноки замин дар меҳвари диққати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Бинобар ин, мавриди омӯзиш қарор додани масъалаи таъминоти иттилоотиву таҳлилии идоракунӣ ва истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, таҳия ва коркард намудани механизмҳои амалигардонии он барои соҳаи кишоварзӣ моҳияти назариявӣ ва амалӣ пайдо мекунад.

Дар автореферати Шарифзода Сухроб Каримхон бо дарназардошти хусусиятҳои хосси масъалаи мазкур дар минтақаҳои кишвар, бахусус, вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳлуҳои назариявӣ-методологӣ, таҳлил ва арзёбии ҳолати муосири истифодаи самараноки захираҳои заминҳои кишоварзӣ ва роҳҳои беҳтар намудани таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ мавриди таҳқиқ, омӯзиш ва хулосабарорӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф чунин қайд менамояд, ки заминҳои кишоварзӣ вақте самаранок истифода мешаванд, ки агар онҳо дар муносибатҳои иқтисодӣ ҷойгоҳи устувор пайдо намуда, тамоюли мубодилаи сармояи онҳо (афзоиши даромади пулӣ) фаъол гардад.

Муаллиф дуруст асоснок менамояд, ки маълумоти кадастрӣ яке аз қисматҳои асосии таъминоти иттилоотии истифодаи замин ба ҳисоб рафта, ҳамзамон манбаъҳои иттилоотии он низ нишон дода шудаанд. Аммо механизмҳои амалигардонии таъминоти итилоотӣ дар ин раванд мушаххас карда нашудааст.

Дар автореферат, дар умум, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба таъмини иттилоотиву таҳлилии идоракунӣ, танзим ва назорати фаъолияти субъектҳои иқтисодии истифодабарандагони замин дарҷ гардида, таҷрибаи кишварҳои мушаххас ва то чӣ андоза мувофиқ будани онҳо ба вазъ ва шароити соҳаи кишоварзии кишвар асоснок карда нашудааст (саҳ.16).

Дар саҳифаи 25-и автореферат дар ҷадвали 7 «Майдони кишт дар шаклҳои хоҷагидории вилояти Хатлон» майдонҳои кишти дар ихтиёри корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои аҳолӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва парвариши маҳсулотҳои кишоварзӣ дар ин заминҳо оварда шуда, аммо дар ҷадвали мазкур воҳиди ченак нишон дода нашудааст.

Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ низ мушоҳида мегардад.

Эродҳои дарҷгардида хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳаммияти илмии таҳқиқотро паст намекунад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Шарифзода Сухроб Каримхон дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
муовини ректор оид ба таълими МДТ
«ДДБ ба номи Носири Хусрав» Ҳамдамзода Х.А.

Имзои д.и.и., профессор Ҳамдамзода Х.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Нажмидинов М.М.
«30» 03 соли 2026

Суроғаи донишгоҳ: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел: (83222) 25481, 22253
E-mail: bgu-1978@mail.ru
Веб-сайт: www.btsu.tj